# Тақриз

ба автореферати Салямова Дилафруз Нарзимуродовна, дар мавзуи «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия)

Автореферати рисолаи диссертатсия дар барои ислоҳ намудани нуқсони нутқ яке аз масъалаҳои доғи руз ба ҳисоб меравад. Масъалаи лакнатзабонӣ ҳамчун осеби нутқ дар фарқият аз дигар шаклҳои осеб бо вижагиҳои хоси худ мебошад, ки мазмуни моҳияти онро бидуни таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин падида дарк кардан мушкил аст. Маҷмуи амалҳои ба ислоҳи лакнатзабонӣ нигаронидашударо дар заминаи таҷриба то имрӯз ҷойдошта ба ду самт ҷудо кардан муносиб аст: табобатию офиятбахшӣ ва коррексионию тарбиявӣ. Махсусан, равиши фардию ҷудогонаро барои мушоҳидаи инкишофи шахсияти кӯдаки лакнатзабон дар ҷараёни татбиқи корҳои коррексионӣ бояд ба инобат гирифтанро дар диссертатсия исбот намудааст.

Муҳаққиқ дар ислоҳи нуқсони лакнатзабонӣ дар кӯдакони синни томактабӣ иброз менамояд, ки нуқсон мавриде муяссар мегардад, ки агар- логопед таҷриба оид ба муайянсозии хусусиятҳои умумӣ ва фардии суръат ва ритми нутқро дар кӯдакони лакнатзабон дошта бошад ва ислоҳи онро ба якчанд омил ҷудо намудааст;

-дар ислоҳи нуқсонҳои лакнатзабонӣ шароити оптималии таносуби параметрҳои темпо-ритмикии нутқро ба инобат бояд гирад;

- ислоҳи нуқсони лакнатзабониро дар кӯдакон вобаста ба хусусиятҳои синну солӣ ва бо истифода аз технологияи муосир бояд ба роҳ монд;

- дар раванди машғулиятҳои логопедӣ истифодабарии технологияҳои навинро вобаста ба имкониятҳои кӯдакон дуруст ба ҳисоб бояд гирифт;

- мавриди истифодабарии технологияҳои навин бехатарии саломатӣ, равонӣ ва ҷисмонии кӯдакони синни томактабиро бояд таъмин намуд;

Дар умум тахмин карда мешавад, ки истифодаи методологияи фаъолияти бозӣ барои ислоҳи лакнатзабонӣ имкон медиҳад, ки функсияҳои нутқ ислоҳ карда шавад, малакаҳои дурусти нутқ ташаккул ёбад ва кӯдакон ба муоширати озод ташвиқ карда шаванд. Дар муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи кофии кор бо кӯдакони лакнатзабон дар ҳар як муассисаҳои синни томактабӣ ҷамъ оварда шудааст.

Дар баробари арзишмандии усулҳои маъмулии зимни корҳои коррексионӣ истифодашаванда, мавқеи муҳим доштани истифодаи усули бозӣ бо кӯдакони синни томактабии мубталои лакнатзабонӣ буда, дар рисола исбот гардида аст, ки аз ҷониби мутахассисон васеъ роҳандозӣ мегардад. Ҳар бозие, ки бо кӯдакон зимни машғулияти логопедӣ барои ислоҳи лакнатзабонӣ омӯзонида мешавад, дар асл худ як амали мақсаднок дар ин самт бояд дошта бошад. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки маҳз истифодаи бозӣ зимни машғулиятҳои логопедӣ дар кӯдакон маҳорати сухангӯйи, инкишофи тафаккур, хотира, мустақилият, фаъолнокӣ, рушди ҳаракат, маҳорати назорати рафтори худро тақвият мебахшад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти омӯзиши лакнати забон дар илми муосир то рафт меафзояд, зеро аксарияти нафарони мубтало ба ин нуқсони нутқӣ кӯдакон ба шумор меравaнд. Ин ҳолат аз назари олимони соҳаи педагогикаи коррексионӣ яке аз масъалаҳои муҳим дониста мешавад.

Аз ин рӯ, муҳиммияти ҷустуҷӯи роҳҳои ҳал ва дарки пайгирии мунтазами зуҳури ин падида аз мавқеи тадбиқи амалҳои коррексионӣ

дар ин самт вобастагӣ дорад. Таърихи пажуҳиши масъалаи падидаи мазкур гувоҳи он аст, ки осебпазирии зикршуда боиси тағйиёбӣ дар хусусияти овози кӯдак ҷанбаҳои акустикии он мегардад.

Кӯдакон ҳамчун шахсиятҳои алоҳида рушд меёбанд ва ба ин раванд дар баробари омилҳои гуногун, инчунин ирсият ва муҳити иҷтимоӣ низ таъсир мерасонад. Нутқ яке аз олотҳои муҳим зимни муносибатҳои иҷтимоӣ истифодашаванда буда, дар инкишофи ҳаматарафаи шахс муассир мебошад. Забон ҳалқа ё ин ки пули пайвасткунандаи фикри инсон бо амалҳои ӯ мебошад. Дар муошırати худ мо ҳам аз нутқи гуфторӣ ва ҳам аз навишторӣ, ҳаракату ишорот ва инчунин забони ҳолат истифода мекунем.

Дар умум, автореферата Салямова Дилафруз Нарзимуродовна, мақолаҳои илмии чопшуда дойр ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагоги аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренгопедагогика ва логопедия) мебошад.

Муқарриз: Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори МДТ “Донишгоҳи давлатии
тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” Юлдошев У.Р.

Имзои У.Р. Юлдошевро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати рушди кадрии
МДТ “Донишгоҳи давлатии
тиббии Тоҷикистон ба
номи Абуалӣ ибни Сино” Сафаров Б.И.